**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 21.06.2024, № 52

Дар бораи сазовор донистани Музафарзода Фазлиддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи "Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)" аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ ба ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 08-уми апрели соли 2024 (Протоколи №47) қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01шд).

Довталаби дараҷаи илмӣ Музафарзода Фазлиддин, соли таваллудаш 25.03.1995, соли 2018 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси сиёсат ва идораи давлатӣ хатм намудааст. Аз соли 2018 то соли 2022 ба ҳайси омӯзгори кафедраи идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Солҳои 2022-2023 дар вазифаи мудири бахши кор бо ҷавонони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор намудааст. Солҳои 2023-2024 муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, айни замон сардори шуъбаи сифати таълим ва мониторинги сифати таҳсилоти Академия мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: Хидирзода Махфират Умар – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Каримов Шамсиддин Турсунматович** - доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.

**Амиров Толиб Шарифович** - доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси – Сиёсатшиносӣ, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ш. Кулоб) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи сиёсатшиносии ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Э.А. Пирназаров, котиби ҷаласа, муаллими калони кафедра Ф.Н.Яқубзода ва номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедра, омодасози лоиҳаи тақриз А.Б.Ҳусайнзода имзо гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи "Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)" аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мебошад.

Музафарзода Ф. оид ба мавзуи диссертатсия 19 маводҳои илмӣ таҳия намудааст. Аз ин миқдор 11 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:**

1. Музафарзода, Ф. Таснифи манфиатҳои миллӣ ва моҳияти онҳо [Матн] / Ф. Музафарзода, Н. Д. Маҳмадизода // Ахбори иниститути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019. - №2. - С. 248-254 ISSN 0235 – 005X
2. Музафарзода, Ф. Таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ ва таъсири онҳо ба манфиатҳои миллӣ [Матн] / Ф. Музафарзода, Н. Д. Маҳмадизода // Идоракунии давлатӣ. – 2020. - №1. (45), - С. 54-61 ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)
3. Музафарзода, Ф. Мақом ва нақши равандҳои сиёсӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // Идоракунии давлатӣ. – 2020. - № 4/1 (48), - С. 252 – 266 ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)
4. Музафарзода, Ф. Патриотизми миллӣ ва мафкураи космополитикӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // Идоракунии давлатӣ. – 2020. - № 2 (51), - С. 305 – 316 ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)
5. Музафарзода, Ф. Айнияти сиёсӣ: самтҳои асосии ташаккул ва инкишофи он [Матн] / Ф. Музафарзода, Абдулҳақов М.М. // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. - №3.(011) - С. 120-123 ISSN 2076-2569

6. Музафарзода, Ф. Таъсири сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллии давлат [Матн] / Ф. Музафарзода. // Идоракунии давлатӣ. – 2020. - №1 / (50), - С. 246 – 256. ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

7. Музафарзода, Ф. Амният кафили устувории стратегияи давлатдорӣ [Матн] /Ф. Музафарзода // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. - №2. (014), - С. 151-155 ISSN 2076-2569

8. Музафарзода, Ф. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи субот ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ [Матн] / Ф. Музафарзода, Р.Р. Каримов // Идоракунии давлатӣ. - 2022. - № 4/2 (54), - С. 325 – 330 ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

9. Музафарзода, Ф. Рисолати Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон дар пойдории сулҳ ва барқароршавии манфиатҳои миллӣ [Матн] / Ф. Музафарзода, М.У. Хидирзода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. -№ 2 (56), - С. 250 – 260 ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

10. Музафарзода, Ф. Буҳрони гидрополитикӣ ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар сиёсати ҷаҳонӣ. [Матн] / Ф. Музафарзода. // Идоракунии давлатӣ. - 2023. - № 1 (60), - С. 373 – 382 ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

11. Музафарзода, Ф Таъмини амнияти милӣ ва мудирияти сарҳад, С. Шарифзода [Матн] / Ф. Музафарзода. // Идоракунии давлатӣ. - 2023. - № 2 (61), - С. 312 – 319 ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

**Маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ**

1. Музафарзода, Ф. Равандҳои глобализатсионӣ ва таъсири онҳо ба манфиатҳои Тоҷикистон [Матн] / Ф. Музафарзода // "Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир: Маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш. Душанбе, 05 декабри соли 2019)". –Душанбе, 2019. - С. 354-359.

2. Музафарзода, Ф. Манфиатҳои миллӣ ва хусусиятҳои он дар раванди таҳавулоти низоми идоракунии давлатӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // Маводҳои конф. байнал. "Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он" 5-6 март. – Душанбе, 2021. - С. 325-331.

3. Музафарзода, Ф. Қудрати сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар раванди идораи давлатӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // Маводҳои конф. ҷумҳ. "Низоми нави ҷаҳонӣ". 16 апрел – Душанбе, 2021. - С. 93-100.

4. Музафарзода, Ф. Равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ва эҳтимолиятҳои таҳдид ба истиқлолияти Тоҷикистон [Матн] / Ф. Музафарзода. // Маводҳои конф. ҷумҳ. "Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон". – Душанбе, 2021с. - С. 284-297. ISBN 978-99985-58-7,5-5

5. Музафарзода, Ф. Манфиатҳои миллӣ ва шаклгирии он дар таҳияи сиёсати давлатӣ [Матн] / Ф. Музафарзода, Х. Маҷонов // Маводҳои

конф. ҷумҳ. “Низоми нави ҷаҳонӣ”. 21-24 апрел. - Душанбе 2021. - С. 281-285.

**6.** Музафарзода, Ф. Ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар раванди идоракунии бухрони сиёсӣ [Матн] / Ф. Музафарзода, Қуватзода Ҳ. А. // Маводҳои конф. байнал. “Идоракунии зиддибуҳронӣ: таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он” 25-26 ноябр. – Душанбе, 2021. - С. 221-229

**7.** Музафарзода, Ф. Нақши Пешвои миллат дар татбиқи манфиатҳои миллӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // Маводҳои конф. ҷумҳ. “Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рӯшди давлатдории миллӣ” 20 сентиябр. – Душанбе, 2021. - С. 94-98

**8.** Музафарзода, Ф. Зарурати таърихии ба майдони сиёсӣ ворид гардидани Эмомалӣ Раҳмон: тадбиқи манфиатҳои миллӣ ва дурнамои инкишофи тоҷикистон [Матн] / Ф. Музафарзода// Маводҳои конф. ҷумҳ. “Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон” 22-23 апрел. – Душанбе, 2022. - С. 236-241.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Аҳмадиён Ш. Р.** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, муовини ректори ДДТХ оид ба таълим. Тақриз мусбат буда, се эрод дорад.

1. Муаллиф масъалаи роҳу воситаҳои ҳифзи манфиатҳои миллиро хуб ба роҳ мондааст, вале беҳтараш он аст, ки ба таснифати манфиатҳои миллӣ бештар таваҷҷуҳ мекард.

2. Зарур аст, ки муаллиф раванди хатарнокии низоми нави ҷаҳониро ба манфиатҳои миллӣ муайян намояд.

3. Дар боби якум, параграфи дуюм муҳаққиқи рисолаи илмӣ доир ба масъалаи Консепсияи низоми нави ҷаҳонӣ ҳамчун раванди сиёсии фарогир таҳқиқот анҷом додааст, аммо ҷузъиёти бештари он дар автореферат ба назар намерасад.

**Абдулҳақов М.М.** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДМТ. Дар тақриз қайд мешавад, ки:

- дар қисми асосии диссертатсия, яъне, зербоби якуми боби дуюм “Манфиатҳои миллӣ ва механизмҳои таъмини ҳимояи онҳо дар низоми нави ҷаҳонӣ” бахшида шудааст, муҳтавои боб чандин ошкор нашудааст ва он ба комилии мавзуи кор халал ворид намудааст. Хуб мешуд, агар ин қисмат дар автореферат ба таври фишурда оварда мешуд;
- дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия масъалаи «Ҷанбаҳои таҳдидовари низоми нави ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон» баррасӣ гардидааст ва муҳақиқ роҷеъ ба таҳдидҳои замони муосир ва роҳу василаҳои ҳимоя аз онро таҳлил намудааст, аммо дар ин замина бештар аз таҳқиқотҳои муҳаққиқону олимони дохилӣ таваҷҷуҳ менамуд ба нафъи кор буд.

**Саидова Ф.С.** – номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони илмии шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. Тақриз мусбат буда, се эрод дорад:

1. Хуб мешуд, ки таснифи манфиатҳои миллӣ дар тадқиқоти илмӣ пурра ба инобат гирифта мешуд.
2. Муаллиф мебоист дар таҳқиқоти худ аз олимони ватанӣ ба таври васеъ истифада мекард.

**Саидзода Ш.Ш.** - номзади илмҳои сиёсӣ, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқшуда, аз ҷумла дар бораи ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ, раванди таҳкими низоми сиёсӣ ва ғайра корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд. Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар самти омӯзиши масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ саҳми босазо дорад ва ба масъалаҳои ташаккули ҷомеаи муосири Тоҷикистон, рушди ҳаёти сиёсии ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои мубрами он диққати хоса медиҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ҷанбаҳои назариявию методологии манфиатҳои миллӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, мазмун, моҳият ва хусусияти онҳо муайян гардидаанд;
- заминаҳои сиёсии низоми ҳифзи манфиатҳои миллӣ зимни бавуҷудоии хавфу хатарҳои низоми муосири сиёсии олам асоснок карда шуданд;
- қонуниятҳои ташаккули таълимоти нав оид ба моҳият ва зарурати низоми нави ҷаҳонӣ муайян карда шуданд;
- хусусияти равандҳои сиёсӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва тартиби таъмини ҳимояи онҳо дар шароити равандҳои низоми нави ҷаҳонӣ муайян карда шуданд;
- ҷанбаҳои таҳдидовари низоми нави ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, механизмҳои муқовимат ба таҳдидҳо муайян ва асоснок карда шуданд;
- вазъи геополитикии равандҳои сиёсӣ ба осебпазирии манфиатҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, роҳу воситаҳои ҳифзи онҳо дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ муайян ва асоснок карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои кори диссертатсионӣ зимни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ вобаста ба масъалаҳои ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави

ҷаҳонӣ метавонанд истифода шаванд. Хулосаву натиҷаҳои диссертатсия дар такмили назардошти муосири марбут ба равандҳои сиёсии низоми нави ҷаҳон ва ҳамзамон дар ташаккули консепсияҳои нав мусоидат карда метавонад. Маводҳои асосии диссертатсия барои сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон, муаррихон ва сотсиологҳо муфид мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дастовардҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар доктринаҳои нав бахри ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ, махсусан, дар низоми омодасозӣ ва бозомӯзию такмили ихтисоси мутахассисони соҳа метавонад муфид бошад.

Ҳамчунин нуктаҳои алоҳидаи онро дар раванди таҳияи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва дастурҳои методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ бо донишҷӯён ва аспирантон, гузаронидани таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** дар таҳқиқоти диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи сиёсии муҳаққиқони масъалаи манфиатҳои миллӣ ва низоми ҳимоя ва такмили онҳо нақши назаррасро касб намудаанд. Дақиқ будани маълумот, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаи таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин мекунанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

Методҳои истифодашуда бо ихтисоси диссертатсия мувофиқат менамоянд. Истифодаи асосноки онҳо ба муаллиф имкон додаанд, ки масъалаҳои ҳимояи манфиатҳои миллиро дар низоми нави ҷаҳонӣ, раванди ташаккул ва таҳкими ҷомеаи муосири Тоҷикистонро муайян намояд. Андешаҳо ва маълумотҳои диссертатсия дар асоси таҳлили маводҳои мухталиф интишор гардида, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳоро муайян мекунанд. Интишороти муаллиф бо мазмуни кори илмӣ мувофиқ буда, эътимоднокии натиҷаи таҳқиқотро исбот мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар интихоби мавзуъ, таҳия ва таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқотӣ диссертатсионӣ қарор гирифта, он натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Тамоми давраи татбиқи нақшаи корҳои таҳқиқотӣ бо иштироки бевосита ва пешниҳодҳои муаллиф сурат гирифтааст. Хулоса ва пешниҳоде, ки дар диссертатсия ба назар мерасад, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи диссертант ба шумор меравад.

Маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз таърихи 21-уми июни соли 2024 дар бораи сазовор донистани Музафарзода Фазлиддин ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Аз 12 нафар иштирокчиёни маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 12, муқобил- нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор /______________/ Зокиров Г.Н.

И.в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих /______________/ Акрамӣ З.И.

21.06.2024